**Резаахбор**

## Меъёри бозтамвил 0,25 банди фоизӣ баланд бардошта шуд

Ҷаласаи навбатии Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон №24, аз 5 феврали соли 2021 ҷиҳати 0,25 банди фоизӣ баланд бардоштани меъёри бозтамвил ва дар сатҳи 11,0 фоизи солона муқаррар намудани он қарор қабул намуд. Қарори мазкур дар асоси дурнамои таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисодиёт бо назардошти афзоиши фишорҳо ва интизориҳои таваррумӣ қабул карда шуд. Мақсад аз қабули қарори мазкур ин дар давраи миёнамуҳлат бозгардонидани сатҳи таваррум дар доираи ҳадаф ва ҳудуди муқарраршудаи он мебошад.

***Сатҳи таваррум ва омилҳои ба он таъсиррасон.*** Аз ибтидои соли 2020 ҷомеаи ҷаҳонӣ зери таҳдиди пандемияи коронавирус (COVID-19) ба бӯҳрони шадиди иқтисодию молиявӣ, талафоти назарраси инсонӣ ва як қатор мушкилоти дигар дучор гардид.

Иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи иқтисоди ҷаҳонӣ аз тағйирёбии вазъи иқтисодиёти берунӣ вобастагии калон дошта, дар натиҷаи паҳншавии пандемияи коронавирус (COVID-19) ва таъсири дигар омилҳои беруна ба хавфҳои иқтисодию молиявӣ рӯ ба рӯ гардид. Вобаста ба ин, дар давоми соли 2020 пайомадҳои манфии пешбинигардида дар паст шудани суръати рушди иқтисодиёт, афзоиши нархи молҳои воридотӣ (хӯрокворӣ ва доруворӣ), номуътадилиҳои таваррумӣ, камшавии вуруди интиқолҳои пулӣ ва ҳаҷми сармоягузориҳо, тағйирёбии қурби пули миллӣ ва коҳиш ёфтани сатҳи талаботи дохилӣ зоҳир гардида, ба вазъи макроиқтисодӣ ва низоми молиявии кишвар таъсири манфӣ расонид.

Тибқи омори расмӣ сатҳи таваррум дар соли 2020 ба 9,4 фоиз баробар гардид, ки аз ҳудуди болоии ҳадафи муқарраршуда 1,4 банди фоизӣ зиёд мебошад. Афзоиши нишондиҳандаи мазкур асосан аз ҳисоби болоравии нархи маҳсулоти хӯрокворӣ 13,0 фоиз, ғайрихӯрокворӣ 5,8 фоиз ва арзиши хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ 4,0 фоиз ба амал омад.

Сатҳи нархҳо асосан дар моҳҳои март, апрел, октябр ва ноябри соли 2020 ба андозаи 7,7 фоиз болоравӣ дошт. Ба ин раванд асосан афзоиши нархи маҳсулоти ниёзи аввалия, аз ҷумла орд, шакар, равғани пахта, картошка ва дигар маҳсулоти хӯрокворӣ бо дарназардошти таъсири омилҳои берунӣ, мавсимӣ ва таклифотӣ вобаста ба авҷ гирифтани пандемияи коронавирус (COVID-19) ва дар ин замина маҳдуд шудани ҳамлу нақл тавассути сарҳади як қатор давлатҳои шарикони савдо ва кам гардидани баъзе аз маҳсулоти асосии хӯрокворӣ таъсир расонид.

Дар соли 2020 бо назардошти таъсири пандемияи коронавирус (COVID-19), пастравии нархи нафт ва дигар маҳдудиятҳо сатҳи таваррум дар бештари кишварҳои шарикони асосии савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз доираи ҳадафи муқарраршуда зиёд ҷамъбаст гардид. Дар аввали соли ҷорӣ бошад, дар баъзе аз кишварҳои мазкур тамоюли болоравии сатҳи нархҳо мушоҳида мегардад.

***Интизориҳо ва хавфҳо.*** Аз рӯи хулосаҳои ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ интизор меравад, ки дар соли ҷорӣ новобаста аз амалигардонии тадбирҳо аз рӯи дилхоҳ сенарияҳо (оптимистӣ, базавӣ ва ё пессимистӣ), фишорҳои қурбию таваррумӣ (ҳам аз нигоҳи талабот ва ҳам таклифот) дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ боқӣ хоҳанд монд.

Вобаста ба ин, идома ёфтани паҳншавӣ ва пайомадҳои манфии пандемияи коронавирус (COVID-19) дар соли 2021 низ аз эҳтимол дур нест. Дар ин раванд, номуайяниҳо дар самти аз байн бурдани пандемияи коронавирус (COVID-19) ва истеҳсолу таъминоти ваксинаи он аз эҳтимолияти дар соли ҷорӣ боқӣ мондани ҳолат ва мушкилоти бавуҷудомада гувоҳӣ медиҳад. Новобаста аз ин, аз ҷониби ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ дар соли 2021 рушди иқтисодиёти ҷаҳон пешбинӣ гардидааст.

Дар робита ба ин, дар соли ҷорӣ низ аз доираи ҳадафи муқаррашуда боло шудани сатҳи таваррум дар ҷумҳурӣ ва кишварҳои минтақа аз эҳтимол дур нест. Тибқи тадқиқотҳои дар семоҳаи чоруми соли 2020 гузаронидашуда, интизории аҳолӣ оид ба тағйирёбии сатҳи умумии нархҳо дар 12 моҳи минбаъда то 9,9 фоиз баҳодиҳӣ гардидааст.

***Мавқеи сиёсати пулию қарзӣ.*** Бо назардошти омилҳои зикргардида ва эҳтимолияти зиёд шудани фишорҳои таваррумӣ, аз ҷониби Кумита қарор қабул гардид, ки бо мақсади коҳиш додани хавфҳои ҷойдошта меъёри бозтамвил, ҳамчун фишанги асосии сиёсати пулию қарзӣ 0,25 банди фоизӣ зиёд карда шуда, дар сатҳи 11,0 фоизи солона муқаррар карда шавад ва ин метавонад дар давоми соли ҷорӣ барои муътадил нигоҳ доштани сатҳи таваррум заминагузор бошад.

Бонки миллии Тоҷикистон минбаъд низ татбиқи сиёсати пайгиронаи пулию қарзиро ҷиҳати ноил гардидан ба сатҳи муътадили нархҳо дар давраи дарозмуҳлат идома хоҳад дод.